# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович дар мавзӯи «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ)**

Ҷомеаи имрӯзи ҷаҳон масъалаи тайёр кардани мутахассисони кору соҳаҳои гуногун, алалхусус омӯзгорони забонҳои хориҷиро яке аз масъалаҳои мубраму рӯзмарра меҳисобад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин радиф аз дигар давлатҳо ақиб намонда, ҳамеша мекӯшад, ки ҳамқадами замон ва ҷавобгӯ ба талаботу стардартҳои ҷаҳонӣ бошад. Маҳз ҳамин аст, ки аввалин маротиба соли 2003 «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014» ва баъдан соли 2014 барномаи мазкур барои солҳои 2015-2020 тамдид гардид. Барномаи мазкур соҳаи маорифи мамлкатро дар самти тайёр кардани мутахассисони забондон, омӯзгорони забонҳои хориҷӣ чандин қадам ба пеш таккон дод.

Қобили қайд аст, ки барои дуруст ба роҳ мондани омодакунии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, бояд мушкилоти масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор дод. Балан бардоштани сатҳу сифат ва салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони оянда мушкилоти чашмраси соҳаи маориф ба шумор меравад ва ҳалли онро метавон дар натиҷаи гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ба даст овард.

Тайёр кардани омӯзгорони ояндаи забони англисӣ маҳз аз дуруст ташкил намудани дарсҳо ва ҷараёни таълим вобастагии калон дорад. Ҳангоми тайёр кардани омӯзгори касбии оянда мақсади таълим набояд танҳо ба омода кардани забоншиносони хуб, донандаи хуби забонҳои хориҷӣ ва методисти беназир равона карда шавад, балки ӯро ҳамчун шахсияти фарҳангӣ, дорои маданияту маърифати баланд, суханвар ва шахсе, ки бо ӯ шогирдон ифтихор намоянд, намунаи ибрати ҳамагон

бошад. Барои расидан ба ин ҳадаф мушкилотҳои зиёде пеш меоянд. Омӯзишу таҳқиқи мушкилоти мазкурро чандин нафарон пеша намуда, аксаран аз он танҳо ба таври назариявӣ натиҷагирӣ карда, хулосаҳои худро манзур месозанд, вале ҳамоно мушкилот боқӣ мемонаду бас.

Диссертант Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович иқдом гирифтааст, ки ба таҳқиқи масъалаи мазкур пардохта, рисолаи худро таҳти унвони «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» таҳия созад. Тайи чанд сол  дар ин самт тадқиқот гузаронида, ба натиҷаҳои назаррасе низ ноил гаштааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти илмӣ иборат мебошад. Нақшаи диссертатсия хеле хуб таҳия шуда, он ба мазмуну муҳтавои дохили кор мувофиқат мекунад. Мазмуни автореферат низ ба мутавоҳи диссертатсия мувофиқат намуда, мақсаду вазифа ва мундариҷаи он ба мавзӯи интихобшуда мувофиқ аст.

Боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори забони англисӣ» номгузорӣ шудааст. Боби мазкур дар бораи роҳҳои инкишофи салоҳияти фарҳангии омӯзгорони оянда маълумот дода, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан ба одобу ахлоқи онҳо равона гаштааст.

Дар боби дуюми рисола «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони забони англисӣ», боби аввалро, ки хусусияти назариявӣ дорад, пурра менамояд. Бахусус, Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович ба масъалаи истифодаи салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгоронии забони англисӣ дар фаъолияти амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ низ диққати махсус додааст.

Назирқулов Тағаймурод зикр менамояд, ки ҳангоми тибқи стандартҳои замони муосир ба роҳ мондани таълими забони англисӣ

омӯзгорон на танҳо аз таълими додаи худ натиҷаи самарабахш мегирад, балки метавонад дар ин миён ба худтакмилдиҳӣ низ машғул шавад.

Автореферати диссертатсия дар асоси талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Дар автореферат натиҷаи таҳқиқот хуб инъикос шудааст.

Дар асоси баррасиҳои боло метавон ба хулосае омад, ки диссертатсияи Назирқулов Тағаймурод дар мавзӯъи «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ арзанда мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, узви вобастаи
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Шербоев Саидбой

Имзои проф. С. Шербоевро
тасдиқ менамоям.
Нозири кадри АТТ М.С. Саидова

Барои тамос:
ш.Душанбе, кучаи Айнӣ 126, АТТ
Тел.: 908225559